## Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи "Таъсири гурӯҳҳои динӣ – ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PHD фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 – фалсафа**

Мубрамият ва муҳиммияти мавзӯи интихобшуда, дар таҳқиқ, таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни зуҳуроти харобиовар ва фоҷиабор барои ҷомеаи инсонӣ ва ҳамчунин кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон, яъне хатари гурӯҳҳои динӣ ифротии муосир ба маънавиёти ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шудааст. Диссертатсия аз муқаддима ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Масъалаи таъсири равия ва ҳизбҳои тундраву террористӣ ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти маънавии ба доғи рӯз табдил ёфтааст. Он вобаста ба равандҳои мураккабу мушкилоти замони ҳозира, мисли моҷароҳои милливу динӣ ва минтақавӣ, мушкилоти ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иҷборӣ, инқилобҳои иҷтимоӣ, ривоҷи таассуби миллию динӣ, фаъолияти аҳзобу равияҳои ифротгарову, террористӣ хеле афзудааст ва ҷаҳони муосирро ба яке аз мушкилоти хеле ногувор-мубориза зидди терроризми байналхалқӣ, гирифтор сохтааст. Модернизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна ба бунбаст дучор шуда, ба ҷунбиши пурқуввати бунёдгарони исломӣ, ки моҳияти ифротгароӣ ва террористӣ доранд, такони бештар бахшидааст.

Ҳодисаҳои солҳои охири ин минтақа, мисли “Баҳори арабӣ”, ҷанги шаҳрвандӣ дар Либия, пайдоиши “Давлати исломӣ”, ҷанги шаҳрвандии тӯлонии Афғонистон ва ғайра намунаи фаъолияти ҳамингуна ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии онҳо ва таъсири онҳо ба ҳаёти кишварҳои мазкур қариб ба ҳама ошкор аст ва таҳқиқотҳои зиёде дар ин бора анҷом гирифтаанд. Аммо таъсири манфии маънавии ин ҳодисаҳо ба љомеа ва натиљаи харобкоронааш ба ҳаёти маънавӣ ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор нагирифтааст.

Ақидаҳои зарарноку мутаассибонаи ин равияҳо маънавиёти ҷомеаро заҳролуд карда, воситаи ҷалби диндорон, хусусан ҷавонон ба амалиёти харобкоронаю терористӣ гардидаанд. Таълимоти онҳо ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгароӣ, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти љомеа хатарҳои љиддие доранд. Дар ҷомеа мавќеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгароӣ ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шавад.

Мавзӯи интихобшуда дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаи тоҷик актуалист. Вазъияти иҷтимоӣ – иқтисоди ва сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста дар ҳолати тағйирпазири қарор дорад. Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқӣ равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ин тағйирпазироҳоро эҳсос менамояд. Маълум аст, ки гурӯҳҳои динӣ ифротӣ дар сартосари ҷаҳон паҳн гашта дар хароб кардани осудагии ҷомеаҳои муосир мебошанд. Муаллифи рисола кӯшиш ба харҷ додааст, ки таъсири харобиовари гурӯҳҳои динӣ ифротиро ба маънавиёти ҷомеаи тоҷикистонӣ бо мисолҳои нишонрас исбот намояд. Рооҳҳои пешгири ва мубориза бо гурӯҳҳои динӣ ифротӣ ҷанбаи мусбати рисолаи мазкурро ташкил медиҳад. Хулоса, аз муҳтавои диссертатсия бар меояд, ки муаллиф кори илмии арзишмандеро анҷом додааст.

Диссертатсияи Саидов Д.М. кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну мӯҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқот ба чоп расидаанд, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар умум кори диссертатсионии Саидов Д.М. дар мавзӯи **“Таъсири гурӯҳҳои динӣ – ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ”** ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 №505 тасдиқ шудааст,ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Саидов Д.М. сазовори дараҷаи илмии доктори PHD фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 - фалсафа мебошад.

Роҳбари илмӣ номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, декани факултети фалсафаи ДМТ
Маҳмадизода Н.Д. _______________
Реквизитҳо:
Индекс: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе.
Ноҳияи Фирдавсӣ, кучаи С. Шерозӣ 20/9 хонаи 21._
Телефони мобилӣ 907997090.

Имзои номзади илмҳои фалсафа,
дотсент Маҳмадизода Н.Д. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ _______________________Тавқиев Э. Ш.